***УДК821.21/22.0***
***DOI**10.24412-2413-2004-2022-2-64-69*

***НУСХАШИНОСИИ ДАСТХАТҲОИ ДЕВОНИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ АЗ КИТОБХОНАИ АЁСӮФИЯ***

***Насриддинов Фахриддин,** д.и.ф., профессори ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***КОДИКОЛОГИЯ РУКОПИСЕЙ ДИВАНА КАМОЛА ХУДЖАНДИ ИЗ БИБЛИОТЕКИ «АЙЯ-СОФИЯ»***

***Насриддинов Фахриддин,** д-р филол. наук, профессор ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)»*

***CODICOLOGY OF THE MANUSCRIPTS INCLUDED INTO KAMOL KHUJANDI`S DIVAN KEPT IN AYA-SOFIYA LIBRARY***

***Nasriddinov Fahriddin**, Dr. of Philology, Professor of Khujand State University named after B. Gafurov (Tajikistan, Khujand) **E-MAIL:**fahr79@mail.ru*

***Калидвожаҳо:** Камоли Хуҷандӣ, китобхонаи Аёсӯфия, дастхат, Ҳофиз Ҳасани Шерозӣ, хусусиятҳои нусхашиносӣ, чопи девони Камол,нусха*

*Панҷ дастхати нодири девони Камоли Хуҷандӣ, ки дар "Китобхонаи Аёсӯфия" (Истамбул) таҳти рақамҳои 3857, 3945, 3946, 3962 ва 3963 нигаҳдорӣ мешаванд, муаррифӣ шудааст. Мухтасаран таърихи ганҷинаи ёдшуда ва аҳамияти мероси хаттии он зикр гардидааст. Муҳимтарин хусусиятҳои нусхашиносии ҳар як аз панҷ дастхати мазкур ба таври муфассал баён шудааст. Таъкид гардидааст, ки нусхаи шумораи 3945, ки дар миёнаи моҳи раҷаби соли 813/миёнаи ноябри соли 1410 дар Шероз дар аҳди Искандармирзо ибни Умаршайх ибни амир Темур ҳамагӣ баъди даҳ соли фавти Камол аз ҷониби Ҳофиз Ҳасани Шерозӣ китобат шудааст, дастхатти аз ҳама қадимии имрӯз маълуми таърихдори шоир ба ҳисоб меравад.Аз рӯи баъзе қаринаҳо фарзияе баён шуаст, ки китобати дастхатти дувуми қадимтарини таърихдори Камоли Хуҷандӣ, ки таҳти шумораи 3857 дар ҳамин ганҷина маҳфуз аст, низ ба қалами Ҳофиз Ҳасани Шерозӣ тааллуқ дорад. Ҷойгоҳи нусхаҳои китобхонаи Абусуфия дар нашрҳои минбаъдаи девони шоир таъкид гардидааст.*

***Ключевые слова:** Камол Худжанди, библиотека «Айя-София», рукопись, Хафиз Хасан Рази, кодикологические особенности, публикация дивана Камола, копия*

*Представлены пять редких рукописей дивана Камола Худжанди, хранящиеся в библиотеке «Айя-София» (Стамбул) под №3857, 3945, 3946, 3962 и 3963. Дана краткая история упомянутого музея и подчёркнута значимость его письменного наследия. Изложены важнейшие кодикологические особенности каждого из пяти списков. Подчеркивается, что список №3945, переписанный Хафизом Хасаном Ширази в середине месяца 813 г. (в середине ноября 1410 года) в Ширазе, всего через десять лет после кончины Камола, считается на сегодняшний день самым древним датированным списком дивана поэта. По некоторым признакам высказано обоснованное предположение, что второй древний датированный список произведений Камола Худжанди, хранящийся в указанной библиотеке под номером 3857, также принадлежит перу Хафиза Хасана Ширази. Отмечается значение списков библиотеки "Айя-София" в последующих публикациях дивана Камола Худжанди.*

***Key-words**: Kamol Khujandi, Aya-Sofiya Library, manuscript, Hafiz Hasan Razi, codicological peculiarities, publication of Kamal's divan, copy*

*Five rare manuscripts included into Kamol Khujandi`s divan kept in «Aya-Sofiya» Library (Istanbul) are presented under the numbers 3857, 3945, 3946, 3962 and 3963. There is given a brief history of the museum in question; the significance of its written legacy being emphasized. The most important codicological peculiarities of each of the five lists are expounded. It is underscored that list №3945 rewritten by Hafiz Hasan Shirazi in 813 hijra (the middle of November 1410) in Shiraz only in ten years after Kamol`s death for today is considered the ancientest dated list of the poet`s divan. Proceeding from certain signs, the author expresses a well-grounded supposition running to the effect that the second ancient dated lists of Kamol Khujandi`s works kept in the library in question under the number of 3857 also belongs to the pen of Hafiz Hasan Shirazi. The author marks the importance of the lists kept in «Aya-Sofiya» Library in subsequent publication of Kamol Khujandi`s divan.*

Китобхонаи Аёсӯфия аз муҳимтарин махзанҳои нусахи хаттии Туркия ҳисоб меёбад ва нафистарин дастхатҳоро дар худ ҳифз намудааст. Дар ин китобхона, ки дар ҷомеи Аёсӯфия ҷой дода шудааст, аз замони султон Муҳаммади Фотеҳ ва нахустин айёми фатҳи Қустантания[1] ҷамъи нусхаҳои нодир оғоз гардид. Пас аз ӯ бузургони хонадони усмонӣ низ бар вақфи нусхаҳои нафис дар он эҳтимом намуданд. Аммо таъсиси он ба тариқи расмӣ соли 1153 ҳ./1740 м. аз ҷониби султон Маҳмуди Аввал сурат гирифт ва дар ҷамъомади бошукӯҳ бо иштироки ҳамин султон ифтитоҳ гардид. Китобхонаи мазкур бештар бо нусхаҳои нафиси худ, ки аксар аз мавқуфоти салотини усмонианд, шуҳрат дорад. Имрӯз дар ин китобхона афзун аз 5 000 (панҷ ҳазор) нусхаи нодири хаттӣ маҳфуз аст. Дар замони ҷумҳурият ин ганҷинаро ба китобхонаи Сулаймония интиқол додаанд. Алҳол, ганҷинаи мазкур бо ҳифзи ном ва муҳру нишонаҳои худ бахше аз китобхонаи Сулаймонияро ба худ ихтисос додааст ва ба он шукӯҳи хоса мебахшад.

Имрӯз куҳантарин ва нодиртарин дастхатҳои таърихдори девони Шайх Камоли Хуҷандӣ дар ҳамин ганҷина нигаҳдорӣ мешавад. Камина, ки бештар аз даҳ рӯз дар Китобхонаи Сулаймония ва маҷмӯаҳои нусахи хаттии ба он ҷо интиқолёфта саодати иштиғол ба нусхаҷӯии ашъори Камоли Хуҷандиро доштам, бо чандин дастхатҳои нодири ин суханвари номвари тоҷик аз наздик ошноӣ пайдо кардам. Ин ҷо бо зикри муҳимтарин хусусиятҳои нусхашиносӣ ба муаррифии онҳо мепардозам:

1. Нусхаи шумораи 3945. Нусха комил ва бисёр нафис аст. Навъи хат насхи қадими хуш мебошад. Нусха дорои 648 варақ аст. Андозаи авроқ 28,7х19 см аст. Нусха тазҳибкорӣ шудааст. Дар нусха мунтахаби девони бист шоир аз асрҳои XI-XIV китобат гардидааст. Дар оғози нусха феҳристи он таҳти унвони "Ҳозо фиҳристу мо фи-л-китоби-л-мансуб би ъишрина дивон" оварда шуда, ки иборатанд аз Камолиддин Исмоил, Анварӣ, Хоқонӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Заҳири Форёбӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Асируддини Ахсекатӣ, Аттор, Мавлоно Румӣ, Саъдӣ, Ироқӣ, Имоди Фақеҳ, Салмони Соваҷӣ, Ҳофиз, Саййид Ҷалоли Азуд, Хоҷу, Низорӣ, Камоли Хуҷандӣ, Носири Бухороӣ.

Дар сарлавҳи музайяни девони Камоли Хуҷандӣ бо хати сулс чунин навишта шуда: "Интихоби девони Шайх Камоли Хуҷандӣ". Дар нусха девони Камоли Хуҷандӣ дар шаст барг (511б-571б) байни девони Низории Қаҳистонӣ ва Носири Бухороӣ китобат гардидааст. Матн агарчи бо номи мунтахаб омада, аммо дар асл ҷомеъ аст ва аз аксари нусахи девонҳои комили шоир ашъори бештарро фаро гирифтааст. Матн дар ҳар саҳфа дар

[1] Фатҳи Қустантания (Истамбул) соли 1453 м. аз ҷониби султони усмонӣ Муҳаммади Фотеҳ сурат гирифт ва калисои Аясофя, ки дар тамаддуни исломӣ бо номи «Аёсӯфия» ёд мешавад ва таърихи бинои он ба асри чаҳоруми мелодӣ бозмегардад, ба масҷиди ҷомеъ табдил дода шуд.

чаҳор сутуни 33-сатрӣ навишта шудааст. Маъмулан, ҳар барг 7-8 ғазалро фаро гирифтааст. Ғазалҳо таҳти ҳуруфи қавофӣ оварда шудаанд. Дар оғози ҳар ҳарф ҳамчун унвон номи он ҳарф навишта шудааст. Тартиби дохилии ғазалҳо аксар ҳол тибқи ҳуруфи таҳаҷҷӣ сурат гирифтааст. Матн босаводона навишта шуда, саҳвулқалам андак аст.

Котиб "дол"-ро бо нуқта дар боло, "гоф"-ро чун "коф" бидуни сарак, "син"-ро се нуқта дар зер, "ё"-ро ду нуқта дар зер, "алиф"-и калимоти "аз" ва "ӯ" бо ҳамза (гоҳе), сараки "коф"-и арабиро барои фарқ аз "коф"-и форсӣ бо ҳамза (гоҳе), "че"-ро ба сурати "ҷ" (гоҳе) китобат менамояд. Ҳамзаи пас аз алифи зоидаро (мисли калимаҳои "қоил", "зоил", "моил" ва ғ.) аксар бо "ё" менависад. Ҳарфи "т"-и калимаҳои "сурат", "закот", "ҳаёт" ва ғ. ба сурати арабии онҳо (صورة، زكوة، حيوة) китобат мефармояд. Аксар мавврид касраи изофатро (бандаки изофиро) бо ҳамза менависад, на бо "ё". Баъзе абёти арабӣ машкул аст. Гоҳе калимаҳои мушкилхони форсиро низ ҳаракат мегузорад.

Анҷомаи девони Шайх Камол чунин аст: "Тамма дивону аш-Шайх Камолуддин ал-Хуҷандӣ би ъавниллоҳи ва тавфиқиҳи" (571б). Агарчи ин ҷо аз соли итмоми китобат сухан нарафтааст, аммо аз ҷойҳои дигари нусха роҷеъ ба ин матлаб асноди лозима ба даст меоянд. Масалан, котиб аз худ дар мавриде  бо лақаби "Ҳофиз" ёд менамояд ва хештанро хоки пои фуқаро мехонад (155б). Дар фарҷоми мунтахаби девони Низорӣ ному лақаб ва нисбаи худро ба сурати "Ҳасан ал-Ҳофиз аш-Шерозӣ" (511а) зикр менамояд. Анҷоми гузидаи девони Саййид Ҷалолро бо қитъае аз хеш ба поён мебарад (460б). Аз ҳама дақиқ, дар қитъае, ки роҷеъ ба таърихи хатми китоб аст, аз номи худ, вазъи зиндагӣ ва ба кӣ бахшида шудани нусха дақиқ маълумот медиҳад. Чунончи омада: "Хатму китоб ва торихиҳи:

***Китоби хусрави олам ба хусрав хатм аз он кардам,***
***Ки хатми хусравон ӯ шуд ба фарру номи Искандар.***
***Худовандо, ҳумоюн кун бад-ӯ ин бист девонро,***
***Ки дар дасти вай ояд зуд тахту ҷоми Искандар.***
***Ҷалоли дунйиву динро ҳазорон қарн боқӣ дор,***
***Ки ин тамкин намегӯяд касе з-айёми Искандар.***
***Иёлони Ҳасан гӯянд аз сахтиву бебаргӣ,***
***Мураффаҳ гардад ин Ҳофиз магар з-инъоми Искандар.***
***Ба соли "зод"-у "ё"-ву "ҷим", нисфе аз раҷаб рафта,***
***Навишта шуд, Худовандо, бидеҳ ту коми Искандар" (648а).***

Аз "зод", "ё" ва "ҷим", ки моддаи таърих мебошанд, соли 813 берун меояд. Ба ин сурат, ки дар ҳисоби абҷад ҳарфи "зод" рақами 800, "ё" рақами 10 ва "ҷим" рақами 3-ро ифода менамоянд.    Яъне, китобати нусха пас аз даҳ соли даргузашти Шайх Камоли Хуҷандӣ дар миёнаи моҳи раҷаби соли 813/миёнаи ноябри соли 1410 дар шаҳри Шероз, дар аҳди Искандармирзо ибни Умар Шайх ибни Амир Темур ба итмом расидааст. Котиб Ҳофиз Ҳасани Шерозӣ нусхаро ба султони мазкур, ки дар Шероз китобхонаи некӯе бино намуда буд, тақдим доштааст.

Пас, омӯзишу таҳқиқи маълумоти тарқимаҳо ба ин натиҷа мерасонад, ки алҳол ин нусха қадимтарин девони таърихдори Камоли Хуҷандист.

Нусха шомили қасида (1 адад), ғазал (840 адад), қитъа (97 адад), маснавӣ (1 адад), рубоӣ (17 адад), муаммо (11 адад) ва фард (4 адад) мебошад. Дар нусха ашъор ба ин тартиб омада: Қасидаи ломия; Ғазалиёт: Алиф – 1-45, Бе – 46-53, Те – 54-214, Ҷим – 215-216, Ҳо – 217-218, Дол – 219-439, Ро – 440-461, Зо – 462-474, Син – 475-483, Шин – 484-509, Сод – 510, Зод – 511, Итқӣ – 512, Изғӣ – 513, Ғайн – 514-516, Фо – 517-519, Қоф – 520-522, Гоф – 523-524, Коф – 525, Лом – 526-535, Мим – 536-633, Нун – 634-693, Вов – 694-711, Ҳои ҳавваз – 712-746, Ё – 747-840; Муқаттаот; Маснавӣ; Рубоиёт; Муфрадот; Муаммаёт.

2. Нусхаи шумораи 3857. Нусха ҷунгест бас нодир. Навъи хат насхи қадими хуш аст. Нусха "Хамса"-и Низомӣ ва чанд рисолаву гузидаи девони шоирони маъруфро шомил аст. Теъдоди авроқи нусха 754 аст. Дар нусха гузидаи ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ дар баргҳои 736б-742а китобат гардидааст. Дар сарлавҳи музаҳҳаби гузидаи девон чунин навишта шуда: "Ғазалиёти Шайх Камоли Хуҷандӣ". Гузидаи ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ байни мунтахаби ғазалиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Носири Бухороӣ китобат ёфтааст. Матн дар ҳар саҳифа дар чаҳор сутуни 25-сатрӣ хушнависӣ шудааст. Дар охири гузидаи ғазалиёти Шайх Камол тарқимае наёмадааст. Ба он сабаб, ки охири нусха афтодагӣ дорад, тарқимаи нусха низ дастрас нест. Аммо тафаҳҳус дар матни нусха равшан месозад, ки котиб дар фарҷоми иддае аз мутуни мунтахаб соли китобатро сабт намудааст. Аз ҷумла, дар "Матлау-л-анвор" (282а), "Маҷнун ва Лайлӣ" (295а), "Равзату-л-анвор" (412а) ва "Камолнома"-и Хоҷуи Кирмонӣ (498а). Дар тамоми ин мавридҳо таърихи китобат бо ҳарф "ситта ъашара ва самонумиати" (яъне, 816 ҳиҷрӣ) навишта шудааст. Ин санад нишон медиҳад, ки нусхаи мазкур алҳол дуюмин дастхати қадимтарини девони Камоли Хуҷандӣ мебошад. Расмулхат ва хусусиятҳои нигориши баъзе ҳарфу калимоти нусха мисли нусхаи қаблист. Котиб матнро огоҳона ва хеле камғалат китобат намудааст.

Шеваи китобат, хусусиятҳои нусхаороӣ ва аломатҳои нусхашиносӣ бар ин далолат менамоянд, ки бояд котиби ин нусха низ Ҳофиз Ҳасани Шерозӣ бошад. Яъне, ин нусха низ дар мактаби хушнависии Шероз китобат гардидааст. Муқоиса ва татбиқи нусхаҳо нишон медиҳад, ки ин нусха аз асли дигаре навишта шудааст ва нусхаи дигаре низ мавриди истифодаи котиб будааст. Ба ин мӯҷиб, дар забт ва ҷобаҷогузории матн гоҳ-гоҳ тафовут дида мешавад.

Нусха шомили 64 ғазали Шайх Камол буда, дигар анвои шеърриро надорад. Дар нусха ғазалиёт ба ин тартиб омадаанд: Алиф – 1-3, Бе – 4-6, Те – 7-33, Ҳо – 34, Дол – 35-42, Ро – 43-45, Зо – 46-48, Син – 49-51, Шин – 52-54, Гоф – 55, Лом – 56, Мим – 57-59, Нун – 60-62, Вов – 63, Ё – 64.

3. Нусхаи шумораи 3946. Нусха мунтахаби девони Шайх Камол аст. Дар заҳрия номи нусха "Интихоботи давовину-л-фузало" сабт ёфтааст. Навъи хат настаълиқ аст. Нусха тазҳибкорӣ шудааст. Дар ин нусха ашъори Шайх Камол дар баргҳои 94б-128а китобат ёфтааст. Дар оғоз гузидаи қасидаи ломияи Шайх дар ҳаҷми 5 байт оварда шудааст. Дар идома тамоми ғазалиёти интихобгардида низ дар панҷбайтӣ гузиниш ёфтаанд. Дар охир бо чаҳор байт нусха тамом шудааст (2 байт – матлаъ ва мақтаи ғазале, 1 байт матлаи ғазале, 1 байти ҷудогона аз ғазале). Ин нусхаро шартан "мунтахаби тахмисия" меномем. Зоҳиран, ин нусха минбаъд асли дигар мунтахаботи тахмисия қарор гирифтааст.

Шеваи имлои ҳарфҳои "п", "ч", "г" ба сурати арабии "б", "ҷ", "к" аст. Ҳарфи "дол" нуқта дар боло ва гоҳе дар зер, "син" се нуқта дар зер аст. Котиб босавод аст, аммо дар нусха чанд ҷой афтодагии алфоз ба назар мерасад.

Аз заҳрия бармеояд, ки нусха аз мавқуфоти султон Маҳмудхони Усмонӣ будааст.

Дар тарқима номи котиб ба сароҳат "Абдурраҳим ибни Абдурраҳмони Хоразмии Султонӣ" ва таърихи китобат 879/1474 сабт ёфтааст (195а).

Тартиби ашъори нусха бо ин тариқ аст: Қасидаи ломия; Ғазалиёт: Алиф – 1-13, Бе – 14, Те – 15-37, Ҳо – 38, Дол – 39-73, Ро – 74-79, Зо – 80, Син – 81, Шин – 82-86, Итқӣ – 87, Қоф – 88, Гоф – 89, Лом – 90-91, Мим – 92-104, Нун – 105-114, Вов – 115, Ҳои ҳавваз – 116-122, Ё – 123-132.

4. Нусхаи шумораи 3963. Нусха комил аст. Навъи хат настаълиқ аст. Ҳар саҳфа 15 сатр дорад. Теъдоди авроқ 226 аст. Матн аз 1б оғоз мeёбад ва дар 226б анҷом мепазирад. Нусха ҷадвалкашӣ ва тазҳибкории сода дорад. Ҷой-ҷой саҳвулқалам ба назар мерасад. Баъзе абёти афтода дар ҳошия китобат ёфтаанд. Чандин ғазал такроран навишта шудаанд.

Дар тарқима рӯзу моҳи итмоми таҳрири нусха сабт ёфта, аммо соли китобат ва исми котиб наомадааст. Хусусиятҳои нусхашиносӣ бар ин далолат менамоянд, ки нусха дар асри XV китобат ёфтааст.

Нусха қасида (2 адад), ғазал (816 адад), қитъа (73 адад), маснавӣ (1 адад), рубоӣ (16 адад) ва муамморо (11 адад) шомил аст. Тартиби ашъори нусха ба ин қарор аст: Қасидаи ломия, қасидаи мимия; Ғазалиёт: Алиф – 1-44, Бе – 45-54, Те – 55-256, Ҷим – 257-258, Ҳо – 259-261, Хо – 262, Дол – 263-500 *(ғазали 279 дар 493; 282 дар 465; 288 дар 488; 283 дар 391; 284 дар 334; 281 дар 365; 288 дар 444; 287 дар 417 такрор)*, Ро – 501-521, Зо – 522-534, Син – 535-542, Шин – 543-570 *(ғазали 557 дар 560; 555 дар 558 такрор)*, Сод – 571, Зод – 572, Итқӣ – 573, Ғайн – 574-576, Фо – 577-579, Қоф – 580-581, Гоф-Коф – 582-585, Лом – 586-595, Мим – 596-682 *(ғазали 596 дар 623; 597 дар 656; 598 дар 665; 599 дар 632; 600 дар 633; 603 дар 638; 604 дар 615; 611 дар 635; 609 дар 641; 612 дар 637 такрор)*, Нун – 683-728, Вов – 729-738, Ҳои ҳавваз – 739-764, Ё – 765-816 *(бо ҳазфи 20 ғазали такрорӣ, 796 ғазал дорад)*; Муқаттаот; Маснавӣ; Рубоиёт; Муаммаёт.

5. Нусхаи шумораи 3962. Нусха комил аст. Адади авроқ 211 аст. Матн аз 1б оғоз гардида, дар 211а анҷом меёбад. Ҳар сафҳа 15 сатр дорад. Дар сарлавҳи мурассаъ "Девони Камол" навишта шудааст. Нусха аз тазҳиб холӣ буда, танҳо ду саҳифаи аввал (1б-2а) ҷадвалкашӣ шудаанд. Нусха аз рӯи девоне мураттабу муназзам истинсох гардидааст. Ҷой-ҷой саҳвулқалам ба назар мерасад. Котиб дар ҳошия баъзе алфозу абёти афтодаро китобат фармудааст. Дар ҳошия гоҳе тавзеҳот дида мешавад. Шеваи китобати ҳарфҳои "п", "ч", "г" ба сурати "б", "ҷ", "к", "син" се нуқта дар поён, "ё" ду нуқта дар зер аст. Аз матни вақфномае, ки дар заҳрия омадааст, бармеояд, ки нусха қаблан аз ҷумлаи мавқуфоти султон Маҳмудхони Усмонӣ будааст. Нусха тарқима надорад, аммо аломатҳои нусхашиносӣ далолат менамоянд, ки дар асри XV китобат гардидааст.

Нусха шомили қасида (2 адад), ғазал (840 адад), қитъа (65 адад), рубоӣ (16 адад) ва муаммо (10 адад) мебошад. Тартиби ашъори нусха ба ин қарор аст: Қасидаи ломия; қасидаи мимия; Ғазалиёт: Алиф – 1-44, Бе – 45-52, Те – 53-238, Ҷим – 239-240, Ҳо – 241-243, Хо – 244, Дол – 245-456 *(ғазали 274 дар 452 такрор)*, Ро – 457-481, Зо – 482-487, Син – 488-495, Шин – 496-518, Сод – 519, Зод – 520, Итқӣ – 521, Изғӣ – 522, Ғайн – 523-525, Фо – 526-528, Қоф – 529-530, Коф – 531-534, Лом – 535-543, Мим – 544-646, Нун – 647-700, Вов – 701-717, Ҳои ҳавваз – 718-749, Лом алиф – 750-751, Ё – 752-841 *(бо ҳазфи 1 ғазали такрорӣ, 840 ғазал дорад)*; Муқаттаот; Рубоиёт; Муаммаёт.

Метавон натиҷаи нусхашиносиеро, ки ин ҷо болои дастхатҳои ашъори Камоли Хуҷандӣ аз "Китобхонаи Аёсӯфия" сурат гирифт, дар чунин нуктаҳо ҷамъ намуд:

а) «Китобхонаи Аёсӯфия» таърихи куҳан дошта, бо дастхатҳои асилу нафиси худ дар байни марказҳои мероси хаттии ҷаҳон мақоми хоса дорад;

б) Дар «Китобхонаи Аёсӯфия» панҷ дастхати нодири девони Камоли Хуҷандӣ маҳфуз аст, ки ҳама дар садсолаи аввал пас аз даргузашти шоир китобат гардидаанд;

в) Дастхатҳои девони Камоли Хуҷандӣ, ки дар "Китобхонаи Аёсӯфия" нигаҳдорӣ мешаванд, аз ҷумлаи куҳантарин нусхаҳои хаттии ашъори шоир мебошанд. Дар ин дастхатҳо асолати шеъри Шайх Камол ва намунаҳои нави ашъори ӯ маҳфуз мондааст;

г) Бо асноде, ки аз нусхашиносии дастхатҳои девони Камоли Хуҷандӣ аз "Китобхонаи Аёсӯфия" ба даст меояд, метавон дар матншиносии ашъори шоир қадами устуворе пеш гузошт;

ғ) Таҳқиқе, ки ин ҷо аз дастхатҳои ашъори Камоли Хуҷандӣ сурат гирифт, дар нусхашиносии осори шоир кӯшиши судманд мебошад. Ин амр метавонад ба рушди нусхашиносии ашъори Шайх Камол мусоидат намояд;

д) Бояд аз дастхатҳои девони Камоли Хуҷандӣ, ки дар "Китобхонаи Аёсӯфия" маҳфуз мебошанд, дар омӯзиши минбаъдаи аҳволу ашъори шоир истифода намуд.

**Пайнавишт:**


1. *Девони Камоли Хуҷандӣ, нусхаи хаттии шумораи 3945 аз Китобхонаи Аёсӯфия.*
2. *Девони Камоли Хуҷандӣ, нусхаи хаттии шумораи 3857 аз Китобхонаи Аёсӯфия.*
3. *Девони Камоли Хуҷандӣ, нусхаи хаттии шумораи 3946 аз Китобхонаи Аёсӯфия.*
4. *Девони Камоли Хуҷандӣ, нусхаи хаттии шумораи 3963 аз Китобхонаи Аёсӯфия.*
5. *Девони Камоли Хуҷандӣ, нусхаи хаттии шумораи 3962 аз Китобхонаи Аёсӯфия.*
6. *Шайх Камоли Хуҷандӣ. Девон (матни илмӣ-интиқодӣ)/Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Фахриддин Насриддинов.- Ҷ.1.- Хуҷанд: Ношир, 2020. – 716 саҳ.*


**Reference Literature:**


1. *Kamol Khujandi`s Divan, manuscript 3945 from Aya-Sofiya Library*
2. *Ibidem. №3857*
3. *Ibidem. №3946*
4. *Ibidem. №3963*
5. *Ibidem. №3962*
6. *Shakh Kamol Khujandi. Divan (Scientifico-Critical Text). Preface, text preparation and notes by Fahriddin Nasriddinov. Volume 1. – Khujand: Publisher, 2020. – 716 pp.*